Тақриз

ба диссертатсияи унвонҷӯ Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна дар мавзуи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01– Забони тоҷикӣ (156 саҳ. компютерӣ)

Ашӯр Сафар яке аз шоирони шаҳир ва мумтози адабиёти муосири тоҷик буда, бо ашъори рангину дилнишин ва намакини худ ҷойгоҳи хосро касб кардааст, лекин, мутаассифона, таҳқиқу баррасии вижагиҳои ҷолиби ҳам адабӣ ва ҳам забонии ашъори ин шоири маҳбубу шуҳратёр аз назари муҳаққиқон дур мондааст. Бо дарназардошти ҳамин нукта тасмим гирифта шуд, ки яке аз паҳлуҳои назаррас ва ҷолиби таваҷҷуҳи ашъори ӯ – корбурди унсурҳои забони омиёна аз ҷониби шоир мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шавад.

Мусаллам аст, ки унсурҳои забони омиёна бештар ба мавзуъҳои танзу ҳаҷв иртибот дошта ва чун Ашӯр Сафар дар ин самт ашъори фаровоне эҷод намудааст, аз ин рӯ, унсурҳои мазкур дар осори ӯ ба сурати фаровон ба назар мерасад ва халқияту самимиятм ашъори ӯро таҳвият бахшида, дилнишину намакин гардонидаанд.

Унвонҷӯ Ҷалилова А. Н. мавзуи мазкурро дар доираи муқаддима, се боб ва хулосаву тавсияҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Унвонҷӯ, тибқи муқаррароту талаботи рисола, дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадафу вазифаҳои тадқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмии таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалии онва ғайраро манзур намудааст.

Дар боби якуми рисола, ки «Унсурҳои забони омиёна ва мавқеи онҳо миёни дигар калимаҳои забон» унвонгузорӣ шудааст, чор фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввал унвонҷӯ мулоҳизаҳои муқаддимотии хешро перомуни мавқеи унсурҳои забони омиёна баён намуда, дар се фасли баъди, бо дарназардошти ҳиссаҳои номии нутқ, унсурҳои

мазкурро, ки мафҳумҳои предметӣ, хешу таборӣ ва сифатиро ифода мекунанд бо мисолҳои мушаххас таҳлилу муайян намудааст.

Боби дуюми рисол, ки «Хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» ном дорад, се фаслро фаро гирифта, фасли аввал вожа ва таркибҳои баёнгари амалу ҳолатро мавриди баҳс қарор дода, фасли дуюм бошад, перомуни корбасти пасванди «-ак», ки дар сохтани вожаҳои омиёна нақши назаррас дорад, баррасӣ гардидааст. Фасли сеюм боби мазкур оид ба вожа, таркиб ва ибораҳои баёнгари маъноҳои қабеҳ баҳс мекунад ва тавре ки қаблан зикр шуд, дар ашъори ҳаҷвӣ корбурди унсурҳои омиёнаи ифодагари тобишҳои қабеҳ ва таҳқиромез хос буда, дар осори адиб ашъори ҳаҷвӣ мавқеи назаррас дорад.

Боби сеюми рисола «Фразеологизмҳо ва зарбулмасалу маколҳо дар ашъори Ашӯр Сафар» унвонгузорӣ шуда, панҷ фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввал унвонҷӯ оид ба унсурҳои мазкур андешаронӣ намуда, барҳақ қайд мекунад, ки дар тули таърих мутафаккирону адибон дар эҷоди фразеологизмҳо ва зарбулмасалу маколҳо саҳми арзанда гузоштанд. Лекин унсурҳои фавқ, асосан, хосси нутқи омиёна буда, бештари онҳоро халқ эҷод кардааст ва моли мардумианд.

Воҳидҳои фразеологӣ, вобаста ба ташаккул ва мансубияташон, ба ҳиссаҳои нутқ гурӯҳбандӣ ва баррасӣ шудаанд ва дар ҳамин замина зарбулмасалу маколҳо низ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Рисола ба асоси маводи фаровон, ки унвонҷӯ тақрибан се ҳазор далелу мисолро аз осори шоир ҷамъоварӣ намуда ва, тибқи эътирофи ӯ, баррасии тамоми онҳо аз гунҷоиши як рисолаи номзадӣ беш мебошад ва чун мушт намунаи хирвор, бо дарназардошти ҳаҷми рисола тамоми мавод мавриди таҳлилу баррасӣ қарордода нашудааст. Бо вуҷуди ин унвонҷӯ ба асоси маводи мавриди таҳқиқ қарор додааш хулосаҳои ҷолибу эътимодбахш перомуни ҷойгоҳи шоир дар корбурди унсурҳои мазкур ироа намудааст. Ҳамзамон унвонҷӯ Ҷалилова А. Н. доир ба

истифодаи амалии таҳқиқ низ андешаҳои дуруст ва қобили пазириш пешниҳод кардааст. Ҳадафу вазифаҳои мадди назарро унвонҷӯ метавон гуфт, ки ҳаллу фасл намудааст. Осори илмӣ ва фарҳангномаҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ истифода кардааст тибқи муқаррарот оварда шудаанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ муҳтавои мухтасари рисоларо инъикос мекунанд.

Инҷониб, ба сифати роҳбари илмӣ, диссертатсияи номзадии Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна дар мавзуи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар»-ро анҷомшуда ҳисобида, онро барои ҳимоя ба шурои диссертасионӣ пешниҳод менамоям.

Профессор Кабиров Ш.

имзои подпись Кабиров Ш.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо-подпись)
30.11.22